# Семинари омӯзишӣ дар мавзуи «Татбиқи стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 13 Феврал, 2024 - 17:17
Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми январи соли 2024 бо иштироки роҳбарияти Кумита, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва сарнозири Раёсати муқовимат ба коррупсияи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Розиқзода Алихони Абдулҳаким семинари омӯзишӣ дар мавзуи «Татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли

2030» доир гардид.
Ҳамоишро Раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода ифтитоҳ намуда, даъватшудагонро ба чорабинии мазкур хайрамақдам гуфта, намояндаи Агентӣ Розиқзода Алихони Абдулҳакимро ба ҳозирин муаррифӣ намуданд.
Ҳамзамон, зикр намуданд, ки «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст, бо мақсади баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии кормандон ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ, паст намудани шиддати коррупсия қабул гардидааст. Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи кории худ Стратегияи мазкурро сармашқи корӣ қарор дода, бандҳои нақшаи чорабиниҳои амалисозии онро дар амал татбиқ намоем.
Баъдан, намояндаи Агентӣ мухтарам Розиқзода Алихон оид ба он бандҳои «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки дар умум, ба вазорату идораҳо, аз ҷумла, ба Кумита вобаст мебошанд шарҳу тавзеҳ дода, зикр намуд, ки яке аз вазифаи асосии кормандони Агентӣ ин гузаронидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ оид ба пешгирии ҳолатҳои номатлуби коррупсионӣ ва шарҳу тавзеҳи сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ самти муқовимат ба коррупсия, инчунин, «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» махсуб меёбад. Мо ҳамеша омода ҳастем, ки дар ин самт бо вазорату идораҳо, аз ҷумла, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории ҳасанаро ба роҳ монем.
Зимни баромад бештар бандҳои Нақшаи амалисозии «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки ба самти фаъолияти Кумита дахл доштанд, шарҳу тавзеҳ дода шуданд.
Дар анҷоми ҳамоиш вобаста ба мавзуи матраҳгардида, баҳсу музокираҳо сурат гирифт.
Дар фарҷом раиси Кумита иштирокчиёни нишаст барои ширкати фаъолона изҳори сипос намуда, ба шахсони масъул супориш доданд, ки ҳолати иҷрои «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» зери назорати қатъӣ қарор дода шуда, ҳуҷҷатҳои дохилиидоравӣ ба муқаррароти Стратегия ва Барномаи зиддикоррупсионӣ мутобиқ карда шавад.
Ҳамоиш дар руҳияи самимият, ҳусни тафоҳум ва муколамаи созанда доир гардид.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [1]
- Ахбори рӯз [2]

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/seminari-omuzishi-dar-mavzui-tatbiki-strategiyai-davlatii-mukovimat-bo-korrupsiya-dar?page=13

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE [2] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7